“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ
профессор_____Ғаффорӣ Н.У.
“ ” _____2020

Тақризи

муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба рисолаи номзадии ҲикматуллоеваНаимахон Анварҳоҷаевна дар мавзӯи «Робитаи дуҷонибаизабонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар сатҳи лексика)», кибарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйиихтисоси 10.02.20. - забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ-типологӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқу муқоисаи ин ё он бахши забоншиносӣ падидаи нав набуда, аз нимаи дуюми қарни XVII сар карда, забоншиносон ба он таваҷҷуҳ намудаанд. Дар раванди таҳқиқи муқоисавии ин ё он забон вижагиҳои монандиву тафовути он аз нигоҳи диахронӣ ва синхронӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор мегирад. Агар ба ҳолати имрӯзаи муқоисавии забонҳои гуногуннизом ва гуногунсохтор чашм андӯзем, зуд пай мебарем, ки таваҷҷуҳи олимони тоҷик бештар ба муқоисаи масъалаҳои луғатшиносӣ ва сарфу наҳв равона гардида, муаммои қиёси робитаи дуҷонибаи забонҳо дар сатҳи луғавӣ аз назари эшон то андозае дур мондааст ва таҳқиқоти анҷомдодаи Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевнаро дар ин самт метавон як пажӯҳиши тозаи илмии нав номид, зеро мавсуф дар раванди таҳқиқ тавонистааст, ки ба бисёр масъалаҳои номакшуфи бахши лексикии ин ду забони тавоно бар мабнои муқоиса ҷавоб гӯяд.

Ҳамин тавр, бояд таъкид бар он кард, ки таҳқиқи алоқаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ дар сатҳи луғат яке аз масъалаҳои муҳими то ин замон пажӯҳишнагардида дар бахши забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ ба шумор меравад.Диссертатсияи номзадии Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзӯи «Робитаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар сатҳи лексика)» пажӯҳиши мубрам ва саривақтӣ буда, муаллифи рисола дар он ҷанбаҳои норавшани мавзӯъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Лозим ба ёдоварист, ки муҳаққиқ рисоларо аз мубрамияти мавзӯъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи робитаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар сатҳи лексика оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзӯи мазкур аз ҷониби англисишиносон (Н.Н. Амосова, В. Д. Аракин ва диг.) дар алоҳидагӣ кайҳо боз пажӯҳиш гардида бошад ҳам, аммо то ин замон ба масъалаи таҳқиқ ва таҳлили мавзӯи фавқ дар ҷанбаи муқоисавӣ таҳқиқоти ҷудогона анҷом дода нашудааст.

Диссертатсия, чунон ки аз мутолиаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, 21 фасл, 28 зерфасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати ихтисораҳо иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ,

навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Боби якуми рисола «Корбурди вожаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ» унвон дошта, дар он вожаҳои марбут ба исм, сифат, феъл, калимаҳои ёвар ва иқтибоси вожаҳои забонҳои дигар ба воситаи забони тоҷикӣ мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Боби мазкур аз панҷ фасл иборат аст. Фасли якум «Вожаҳои мансуб ба исм» ном дошта, муҳаққиқ моро бо исмҳои аслии тоҷикии ба забони англисӣ воридгардида ошно месозад (сах.22-50).Муаллифи рисола исмҳоро аз лиҳози сатҳи корбурдашон дар таркиби луғавии забон ба исмҳои кӯҳнашуда ва маъмул ҷудо кардааст.Нахуст муаллиф назару андешаҳои худро перомуни исмҳои кӯҳнашуда (саҳ.23) баён намуда, ҳамзамон аз нигоҳи маъно якранг набудани онҳоро ба назар гирифта, онҳоро ба вожаҳои ифодагари номи матоъву либос, алаф, объектҳои географӣ, мафҳумҳои ба ҳайвоноту парандаву хазанда марбут, мансабу машғулият, санад, ҳуҷҷат, сангҳои гаронбаҳо ва монанди инҳо дастабандӣ карда, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллифи рисола ба таърихи пайдоиши ҳар як унсури луғавӣ таваҷҷуҳ намуда, хусусияти корбурди онҳоро дар матнҳои форсии миёна ва роҳҳои воридшавияшонро ба таркиби луғавӣ пурра шарҳу тавзеҳ додааст. Масалан, муаллиф ба маънову басомади вожаи «сара» таваҷҷуҳ намуда, ишора бар он мекунад, ки “баъзе чунин воҳидҳо пеш аз он ки дар забони англисӣ истифода шаванд, дар ду-се забони ҷаҳон гардиш намудаанд. Калимаи “сара” аз қабили ҳамин гуна унсурҳои луғавӣ аст.

“Сара” маънои «порчаи ҳарири сафеди алам»-ро дошта, дар матнҳои забони форсии миёна ба гунаҳои *sarak|sarag* дучор меояд ва баъдан ба забони арабӣ дар шакли муарраби *сарақ* ворид шудааст» (саҳ. 24).

Боиси хушнудист, ки муҳаққиқ на танҳо ба як маънои унсури луғавӣ таваҷҷуҳ намудааст, балки дигар маъноҳои онҳоро низ шарҳу тавзеҳ додааст.

Яке аз гурӯҳҳои унсурҳои луғавӣ, ки «Номи дарахту гулу гиёҳ» номгузорӣ шудааст, дар зерфасли дуюми фасли якум мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, теъдоди ин гуна воҳидҳои луғавӣ ба ҳафт адад мерасад. Яке аз вожаҳои маъмуле, ки марбути гурӯҳи мазкур аст, *чанор / чинар* буда, дар забони англисӣ низ бо гунаи *cheenar* (саҳ.32) корбурд мегардад.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар бештари мавридҳо муаллифи рисола пас аз баррасии назару андешаҳои луғатнигорону забоншиносон фикри мушаххаси худро роҷеъ ба шарҳу тавзеҳи масъалаҳои дар рисола баррасишаванда баён намуда, мавқеи худро устувор нигоҳ медорад, ки ин шеваи баён дар таҳқиқоти анҷомдодаи дигар муҳаққиқон кам ба назар мерасад, ба монанди: «Аз таҳлили ин навъи калимаҳо (номи дарахту гулу гиёҳ) маълум мегардад, ки ҳар кадоме аз ин гуна вожаҳо ба забони англисӣ бо хусусиятҳои алоҳидаашон роҳ ёфтаанд: баъзеяшон бо як маънои мушаххас, ҳиссаи дигар бо ду ё зиёда маъно, қисми сеюм бо як шакл, гурӯҳи чорум бо чанд мувозӣ ба кор мераванд» (диссертатсия, саҳ.34).

Дар фасли дуюм «Вожаҳои мансуб ба сифат» муаллифи рисола он сифатҳои аслии тоҷикиеро, ки бо шакли гуногун, аммо бо ҳамон маънои маъмул дар забони тоҷикӣ корбурд мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба назари муаллиф миқдори он ба панҷ адад мерасад. Масалан, ба андешаи муаллиф вожаи «дарвеш» дар забони тоҷикӣ дар ду шакл: *дарвеш* ва *дарюш* ва се маъно ба кор рафта, дар забони англисӣ низ дорои ду шакл аст: *dervis* ва *dervish* (диссертатсия, саҳ. 58).

Вожаҳои мансуб ба феъл дар фасли сеюм мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки миқдорашон ҳамагӣ се адад аст. Агар феъли "бахшидан" дар забони тоҷикӣ ба чор маъно ва як вазифа ба кор равад, пас дар забони англисӣ феъли мазкур дар ду шакл: *buckshee* ва *bucksheesh* роҳ ёфтааст (диссертатсия, саҳ.60).

Вожаҳои ёвар ва иқтибоси калимаҳои дигари ба воситаи забони тоҷикии ба таркиби луғавии забони англисӣ роҳёфта дар фаслҳои чоруму панҷуми боби якуми диссертатсия мавриди муқоиса қарор гирифтаанд. Муаллиф ба ин гурӯҳ вожаҳои *лимӯ, ганҷ, чит, палав, сандал, сумоқ, тангор, барфар, лилаҷ, қирон, габр* ва м.и.-ро мансуб медонад.

Боби дуюми диссертатсия "Корбурди вожаҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ" унвон дошта, дар он вожаҳои иқтибосии мансуби соҳаҳои мухталифи ҳаёт мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегиранд.

Дар фасли якум "Номи нақлиёти баҳрию барӣ ва техникаи кишоварзӣ" асосан сухан дар бораи он вожаҳое меравад, ки ифодакунандаи воситаҳои нақлиёт ба шумор мераванд. Ба андешаи муаллиф миқдори ин гуна воҳидҳои луғавӣ фарогири 27 адад аст. Пеш аз он ки муаллиф ба шарҳи луғавии вожаҳои иқтибосии мазкур даст занад, гунаи англисии онҳоро низ ҷой дода, ба воситаи кадом забон ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид шуданашонро низ баён кардааст.

Фасли дуюм ба таҳлили он воҳидҳои луғавие бахшида шудаанд, ки ба бозиҳои варзишӣ мансубанд. Миқдори ин гуна вожаҳо ба андешаи муаллифи рисола 10 адад аст. Ба сохтори вожаҳои иқтибосгардидаи гурӯҳи мазкур низ муаллиф ишора карда менависад, ки: «Баъзеи чунин унсурҳои луғавӣ дар забони асл, яъне англисӣ аз ҷиҳати сохтор мураккаб ҳисоб ёфта, тоҷикон онҳоро ҳамчун вожаи сода қабул намудаанд» (диссертатсия, саҳ. 92).

Вожаҳои мансуб ба тиҷорат дар фасли сеюми боби дуюм мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Ҳар як вожаи иқтибосии ин гурӯҳ бо шарҳи этимологияшон баён ёфтаанд. Аксарияти онҳо имрӯз дар қатори дигар вожаҳои таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле сермаҳсуланд.

Дар фаслҳои чорум ва панҷум вожаҳом марбут ба номи пеша, шуғл, вазифа ва мафҳумҳои марбут ба онҳо, инчунин номи чиз, асбобҳои рӯзгор, дастгоҳҳо ва мафҳумҳои марбут ба онҳо мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми рисола «Ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ» ном дошта, дар он шабоҳати дар байни калимаҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷойдошта баррасӣ мешавад. Нахуст муаллифи рисола ҳамвожаҳои дар давраи куҳани инкишофи забон мавҷударо таҳқиқ намуда, сипас ба ҳамвожаҳои забони англисии даврони куҳан ва нав даст мезанад.

Ба андешаи муаллифи рисола «дар забонҳои мавриди таҳлил ҳамвожаҳое ба назар мерасанд, ки дар яке (тоҷикӣ) танҳо дар ифодаи номи ранг омадаанд, дар дувумӣ хусусияти сермаъноӣ зоҳир намудаанд" (диссертатсия, сах. 92).

Фасли чоруми боби сеюми рисола ба ҳамвожаҳои тоҷикиву англисии давраи нави инкишофи ҳар ду забон ва мансубияти вожаҳо ба ҳиссаҳои нутқ бахшида шудааст. Муаллифи рисола миқдори аз ҳама бештари ҳамвожаҳоро ба исм мансуб медонад ва ин гуна унсурҳои луғавиро ба 9 зергурӯҳ ҷудо менамояд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққик ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад, муаллифи рисола натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Диссертатсияи илмии Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзӯи «Робитаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар сатҳи лексика)» дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи рисола муҳтавои рисоларо инъикос менамояд. Рисолаи мазкур барои хондани курсҳои «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ» , «Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавонад ба гунаи неку мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1.Дар раванди таҳқиқ муаллифи рисола бештар ба андешаи забоншиносон ва англисишиносони тоҷик такя намудааст. Таҳлилу баррасии асарҳои бунёдии англисишиносони рус: А. Смирнитский, Б.Илиш, Р. З. Гинзбург, С.С. Хидекел, Г. Ю. Князева ва А. А. Санкин аз назари муҳаққиқ дур мондааст. Агар назару андешаҳои эшон роҷеъ ба вожаҳои англисӣ мавриди таҳлил қарор мегирифт, арзиши илмии рисола боз ҳам хубтар мегардид.

2.Дар боби дуюми рисола муҳаққиқ фикру андешаҳои худро роҷеъ ба воридшавии вожаҳои англисӣ ба воситаи забони русӣ мушаххас баён накардааст, зеро аксарияти вожаҳои иқтибосии дар боби мазкур шарҳёфта ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд.

3.Дар бархе аз саҳифаҳои кор (сах. 56, 86, 114...) сарчашмаҳои иктибос нишон дода нашудааст.

4.Муодили англисии баъзе воҳидҳои луғавӣ дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро дар шакли англисияшон пешниҳод менамуд, хуб мешуд.

5.Агар муаллиф ҳамаи вожаҳои иқтибосии ҳар ду забонро вобаста ба давраи воридшавияшон дар шакли ҷадвал ва замима дар охири рисола ҷой менамуд, боз ҳам хубтар мешуд.

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои ишорашуда ба арзиши таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи Олии Атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзӯи «Робитаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар сатҳи лексика)» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016-ум таҳти №505-ум тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Рисола дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ 25-уми октябри соли 2020-ум, қарори № 2-юм муҳокима гардидааст.

Раиси ҷаласа: номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Каримова Дилафруз Насибовна

Эксперт: номзади илми филология,
досенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Ҷӯраева Марҷона Садриддиновна

Котиби ҷаласа: саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи мукоисавии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷиксистон ба номи
Садриддин Айнӣ Тоҷиева Фурӯғ Рустамовна

Адрес: ш. Душанбе, тхиёбони Рӯдакӣ, 121,
e-mail: dnk-92@.inbox.ru тел: 988266996;
Имзоҳои Д.Н. Каримова, М.С. Ҷӯраева ва Ф. Р. Тоҷиеваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ: Назаров Давлатхон
26.10. 2020 с.